## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Чой Миҳи дар мавзуи: «Таҷассуми паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва курияӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Диссертатсияи мазкур ба пажӯҳиши паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми тасвири забонии ҷаҳон бахшида шудааст.

Забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ ба оилаҳои гуногуни забоншиносӣ тааллуқ доранд. Дар шароити кунунӣ бо тавсеаи равобити ду кишвар таваҷҷуҳ ба забони куриёӣ хеле афзоиш ёфтааст. Аммо робитаи дуру дароз, шароити таърихии робитаи доимӣ ва таъсири байниҳамдигарӣ, чӣ дар соҳаи забон ва чӣ дар самтҳои дигари фарҳанг ва, махсусан, дар эҷодиёти халқ – фолклор ҳамчун замина ва бунёди муносибатҳои мардуми тоҷику куриёиҳо хизмат мекард. Муносибатҳои Тоҷикистону Куриёро дар ин соҳаҳо мутахассисони соҳаи забоншиносонӣ, махсусан, диалектологҳо, адабиётшиносон, фолклоршиносон инкишоф медиҳанд.

Нокифоя омӯхта шудани вижагиҳои лингвофарҳангии зарбулмасал ва дигар анвои паремияҳо дар забони тоҷикӣ бо ҷанбаи муқоисавӣ заминаи мубрамият ва аҳаммияти мавзуъ гардидааст. Таҳқиқу баррасии вожагони таркиби паремияҳо (зарбулмасалу мақолҳо) имкон медиҳад, ки захираи забонӣ ва иқтидори нутқ, ки манбаи устувори ғанисозии луғавии забони ҳозираи тоҷикӣ мебошад, самаранок муайян карда шавад, низоми ономасиологии он такмил дода шавад, рушди маънoӣ ва хусусиятҳои сохтории воҳидҳои луғавӣ пайгирӣ карда шаванд.

Чой Миҳӣ 24 майи соли 1961 дар шаҳриТегуи Кореяи Ҷанубӣ таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна ба Донишгоҳи кемёнги Кореяи Ҷанубӣ дохил шуда, онро соли 2004 хатм намудааст.

Аз соли 2005 дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) ба ҳайси омӯзгори фанни забони куриёӣ кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2011 то инҷониб дар маркази забономӯзии Шоҳ Сеҷонг, ки дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои

хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҷойгир аст, ба ҳайси роҳбари марказ фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 31.08.2022, №283-3д ба ҳайси доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ қабул шуда, онро 25.06.2025, бо фармоиши №273-4д хатм намудааст.

Кори диссертатсионии Чой Миҳи дар мавзуи: **«Таҷассуми паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ»** аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо ҷудо мешаванд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи илмӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявии таҳқиқи паремия дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ”** унвон гирифта, дар он мафҳуми «паремия» дар асоси фикру ақидаи забоншиносони тоҷику куриёӣ шарҳ дода шудааст. Ҳамчунин, дар ин боб тасвири паремиологии ҷаҳон ҳамчун ҷузъи тасвири забонии ҷаҳон нишон дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Мавқеи зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ”** номгузорӣ шудааст. Дар фасли якуми боби дуюм, ки **“Таснифи мавзуии зарбулмасалҳо мақолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ”** номгузорӣ шудааст, таснифи мавзуии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои мавриди назар нишон дода шудааст. Фасли дуюми боби дуюм таҳти унвони **“Зарбулмасалу мақолҳои таҷассумкунандаи сухан ва гуфтор дар забонҳо тоҷикӣ ва куриёӣ”** ба таҳлили зарбулмасалу мақолҳои таҷассумкунандаи сухан ва гуфтор дар забонҳо тоҷикӣ ва куриёӣ бахшида шудааст. Дар раванди баррасии мавзуъ дар боби дуюм барои тақвияти фикру андеша намунаҳо аз осори адибону шоирони тоҷику куриё оварда шудааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм таҳти унвони **“Зарбулмасалу мақолҳои таҷассумкунандаи ҳайвоноти гуногун дар забонҳои куриёӣ ва тоҷикӣ”,**

зарбулмасалу мақолҳои таҷассумкунандаи ҳайвоноти гуногун дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар фасли чоруми боби дуюм таҳти унвони **“Зарбулмасалу мақолҳое бо ҷузъи “узвҳои инсон” дар забонҳои куриёӣ ва тоҷикӣ”** зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ узвҳои инсон, ки нақши калонро мебозанд, таҳлилу баррасӣ гаштаанд.

Фасли панҷуми боби дуюм **«Мавқеи калимаву истилоҳоти ифодакунандаи ғизо дар зарбулмасалу мақолҳои забониҳои тоҷикӣ ва куриёӣ»** номгузорӣ шуда, он фарогири масъалаи мавқеи калимаву истилоҳоти ифодакунандаи ғизо дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ мебошад.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои забонию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ»** ном дошта, зарбулмасалу мақолҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар онҳо масоили хонаводагӣ, арзишҳои миллию фарҳангӣ дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ нишон дода шудааст. Ҳамчунин, муносибати тоҷикзабонон ва куриёизабонон инъикос гаштааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия тавсия дода шудаанд, бо методологияи муносибати низомандӣ, консепсияи илмии забоншиносӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Хулоса ва тавсияҳои илмии диссертатсия барои омӯзиши амалии забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ, барои тарҷумонҳо хизмат карда метавонад. Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст, он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажӯҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст. Дар даврои ба пажӯҳиш машғул гаштан, худро ҳамчун муҳаққиқи кордон, доно ва моҳир нишон додааст. Дар ҷараёни кор адабиёти зиёдеро омӯхтааст.

Хулоса, диссертатсияи **Чой Миҳи** дар мавзуи **«Таҷассуми паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ»** таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) арзанда аст ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забонҳои хориҷии АМИТ — Ҷамшедов Парвонахон

«30»декабри соли 2025

**Нишонӣ:** 734025, ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи Турсунзада 30,
хуҷраи 16.
Тел: (+992) 919-00-20-53
E:mail: pjam07@mail.ru

Имзои профессор Ҷамшедов Парвонахонро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси АМИТ — Акрамзода Толиб

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Тел.: 2210328
Сайт: amit.tj

«30» декабри соли 2025